# Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фаорасии соли нави мелодии 2023

Нашир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 31 Декабр, 2022 - 08:00
[1]

Ҳамватанони азиз!

Ҳамаи шумо – мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиро ба муносибати фаорасии Соли нави мелодии 2023 самимона табрик мегӯям.

Ба хонадони ҳар яки шумо бахту иқболи нек, рӯзгори осуда ва барору комёбӣ орзу менамоям.

Соли 2022 барои Тоҷикистони мо боз як соли хотирмону таърихӣ ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди таъсири манфии буҳрони иқтисодиву молиявӣ ва дар шароити бисёр мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир дар соле, ки сипарӣ гардида истодааст, рушди устувори иқтисоди миллӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат ба андозаи 8 фоиз таъмин гардид, ки ин яке аз нишондиҳандаҳои беҳтарин мебошад.

Дар ин давра дар доираи ҳадафи саноатикунонии босуръати кишвар зиёда аз 500 коргоҳу корхонаҳои истеҳсолӣ бунёд гардида, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 43 миллиард сомонӣ расонида шуд.

Инчунин, бори аввал дар таърихи Тоҷикистон истеҳсоли неруи барқ беш аз 21 миллиард киловат – соатро ташкил дод.

Бо мақсади ҳифзи амнияти озуқаворие кишвар ва таъмин намудани фаровонии бозори истеъмолӣ кишоварзони мамлакат аз имкониятҳои мавҷуда, бахусус, обу замин самаранок истифода карда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро афзоиш доданд ва ҳаҷми онро ба зиёда аз 48 миллиард сомонӣ расониданд.

Ҷиҳати боз ҳам беҳтар гардонидани вазъи роҳҳои мошингард ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон дар доираи 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ корҳои таҷдиду сохтмони инфрасохтори нақлиётӣ бомаром идома ёфтанд.

Ҳукумати мамлакат дар давоми соли 2022 тамоми саъю талоши худро барои фароҳам овардани шароити зиндагии шоистаи сокинони кишвар равона сохта, бо истифода аз захираву имкониятҳои мавҷуда ҷиҳати ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ – илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, ҷавонону занон ва дастгирии табақаҳои ниёзманду осебпазири ҷомеа як силсила тадбирҳоро амалӣ намуд.

Бунёд кардану ба истифода супоридани садҳо иншооти иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, беморхонаву марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш ба ҳалли бисёр масъалаву мушкилоти аҳолии мамлакат мусоидат намуданд.

Мехоҳам бо қаноатмандиву ифтихор иброз намоям, ки бо заҳмати софдилонаи мардуми шарифи Тоҷикистон, соҳибкорони ватандӯст ва шахсони саховатпеша дар соле, ки сипарӣ шуда истодааст, 3100 иншооти истеҳсоливу иҷтимоӣ бунёд карда шуданд, ки боиси боз ҳам ободу зебо гардидани шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти мамлакат, инчунин, бо ҷойи корӣ таъмин шудани 190 ҳазор ҳамватанонамон ва болоравии сатҳу сифати зиндагии онҳо гардиданд.

Ҳамчунин, хотирнишон менамоям, ки соли 2022 дар ҷодаи тақвияти пояҳои истиқлоли давлатӣ, муаррифии шоистаи кишвар ва таҳкими нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи

байналмилалӣ соли махсусан назаррас буд.

Дар ин давра аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳон дастгирӣ ёфтани иқдому ташаббусҳои Тоҷикистон на танҳо барои мо, балки барои ҳамаи кишварҳои минтақа ва ҷаҳон аҳаммияти хос пайдо карданд.

Илова ба ташаббусҳои Тоҷикистон дар самти ҳалли мушкилоти глобалӣ, дар иҷлосияи 77-уми Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси навбатии мо оид ба «Соли байналмилалии пиряххо» эълон намудани соли 2025 якдилона дастгирӣ ёфт.

Дар асоси қатъномаи қабулгардида, инчунин, пешниҳодҳои Тоҷикистон доир ба эълон намудани 21-уми март ҳамчун «Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряххо», дар назди Созмони Милали Муттаҳид таъсис додани Фонди мақсадноки байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи пиряххо ва вобаста ба ин мавзӯъ дар соли 2025 дар шаҳри Душанбе гузаронидани конфронси сатҳи баланди Созмони Милали Муттаҳид қабул гардиданд.

Ин рӯйдоди муҳимму таърихӣ, бешубҳа, гувоҳи эътирофи нақши арзишманд ва мақоми шоистаи Тоҷикистони соҳибистиқлол дар байни кишварҳои ҷаҳон мебошад.

Ҳамватанони азиз!

Соли сипаришудаистода мо – мардуми Тоҷикистон 30 – солагии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олиро, ки наҷотбахши истиқлоли давлатӣ мебошад, ботантана таҷлил намудем.

Аҳаммият ва нақши таърихии Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олӣ дар суханронии Роҳбари давлат муфассал баён гардид.

Ҳоло бори дигар таъкид менамоям, ки ин рӯйдоди бузурги таърихӣ нуқтаи оғози барқарорсозии ҳокимияти конститутсионӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, бунёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва ноил гардидан ба дастовардҳои имрӯзаи мо ба ҳисоб меравад.

Воқеан, тамоми дастовардҳое, ки то имрӯз давлат ва мардуми тоҷик ба онҳо муяссар гардидаанд, самараи истиқлолу озодӣ, сулҳу оромӣ ва ваҳдати миллӣ мебошанд.

Дар ин лаҳзаҳои идона, мехоҳам бо ифтихору самимият изҳор намоям, ки расидан ба чунин рӯзҳои орому осуда натиҷаи азму талошҳои содиқонаи мардуми тоҷик ва пуштибонии онҳо аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати мамлакат маҳсуб меёбад.

Итминони комил дорам, ки мардуми ватандӯсти мо дар соли нави 2023 иқдомоти созандаву ободгаронаи худро барои пешрафти давлат, ободу зебо гардонидани сарзамини аҷдодӣ ва беҳтар гардидани шароити зиндагии ҳар як хонадони мамлакат боз ҳам тақвияту густариш мебахшанд.

Ҷаҳони ноорому буҳронии имрӯза ҳар фарди бонангу номус, ватандӯсту ватанпараст, ҳимматбаланду саховатпеша ва кулли мардуми кишварро водор месозад, ки тамоми саъю талоши худро ба хотири ҳифзи истиқлолу озодӣ, рушду тараққиёти Тоҷикистони соҳибистиқлоламон ва ободии Ватани маҳбубамон сафарбар созанд.

Бовар дорам, ки ҳамаи мо дар ҳамбастагӣ минбаъд низ дар ҷодаи таъмин намудани зиндагии босаодати халқамон ва дастовардҳои нав қадамҳои устувор мегузорем.

Бори дигар хурду бузурги мардуми сарбаланду қавиирода кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии Соли нави мелодии 2023 самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустиву хушбахтӣ, файзу баракати зиндагӣ ва ба Тоҷикистони азизамон пешрафту ободии боз ҳам бештар орзу менамоям.

Соли нави мелодии 2023 муборак бошад, ҳамватанони азиз!

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 3

Баҳои миёна: 3 (2 овоз)

Rate

## Категория:

- Ахбори рӯз [2]

**Манбаъ::**https://istilohot.tj/tg/content/payomi-shodboshii-prezidenti-chumkhurii-tochikiston-peshvoi-millat-mukhtaram-emomali-15?mini=2026-10

**Пайвандҳо**
[1] https://istilohot.tj/sites/default/files/field/image/52597408460_2c20c4ddee_c.jpg [2] https://istilohot.tj/tg/category/%D0%B0%D1%85%D0%B1%D0%BE%D1%80%D0%B8-%D1%80%D3%AF%D0%B7